# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.**

Мавзӯе, ки ба тақриз пешниҳод гаштааст яке аз мавзӯҳои навтаҳқиқ дар забоншиносии тоҷик ба шумор рафта, ба ихтисоси **10.02.01 – Забони тоҷикӣ** ба куллӣ мутобиқат мекунад. Мавзуъ ба таҳқиқу баррасии вижагиҳои луғавию грамматикии ҳар асари адабӣ, таърихӣ барои шинохт ва ошкор гардидани хусусиятҳои забони адабии ҳамон давр, нақши ин ё он адиб дар рушди меъёрҳои забони адабӣ ёрии калон мерасонад. Аз ин нуқтаи назар, мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ дорои аҳаммияти бузурги илмӣ ва амалӣ мебошад. Ин асар намунаи беҳтарини насри ахлоқии адабиёти тоҷик маҳсуб меёбад. Забон ва тарзи баёни муаллифи «Ахлоқи муҳсинӣ» бисёр дилкашу зебо буда, намунаи барҷастаи забони адабии асри XV дар муқоиса бо насри мураккабу печидаи баъзе осори ин давра аст. Таҳқиқи хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии ин осори насрӣ барои кушодани моҳияти вижагиҳои забонии асар, сабабҳои дилписандии забону тарзи баёни адиб имконият медиҳад.

Мубраммии мавзӯи пешниҳодгашта ҳамчунин дар он аст, ки дар натиҷаи таҳқиқи хусусиятҳои луғавию гармматикии «Ахлоқи муҳсинӣ» қонуниятҳои ташаккулу таҳаввули категорияҳои лексикӣ, меъёрҳои сарфию наҳвии забони адабии тоҷикӣ дар асри XV ва таъсири он ба асрҳои баъдӣ ошкор мегардад.

Дар диссертатсия нахустин бор хусусиятҳои луғавию грамматикии яке аз осори ахлоқии насри асри XV «Ахлоқи муҳсинӣ» ба сурати густурдаю маҷмуъ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст.

Навгонии илмии рисола боз дар ин аст, ки таҳқиқи маҷмуи вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ» манзараи забони адабии тоҷикро дар асри XV равшан намуда, шарҳу тавзеҳи масоили мавриди назар, қонунияту роҳҳои инкишофи таркиби луғавӣ, устувории сохти сарфию наҳвии забони адабии тоҷикиро нишон медиҳад ва дар ин замина нақши осори адабӣ ва адибони алоҳидаро ошкор менамояд.

Аз автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслу зерфаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, 167 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, манбаъҳо, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳаммияти илмию амалии диссертатсия таҳлилу баррасӣ шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Вижагиҳои луғавии «Ахлоки муҳсинӣ» сухан аз бобати таркиби луғавии асар рафта, он қисмати назариявии корро ташкил медиҳад, ақидаи забоншиносони тоҷик дар мавриди таҳқиқи осори манзуму мансури гузашта оварда шудааст. Дар боби мазкур муаллиф мавриди лексикаи аслӣ ва иқтибосии арабӣ, вожаҳои ифодакунандаи номи шайъу ҳодиса ва дигар

мафҳумҳои олам, вожаҳои сифатӣ, категорияҳои лексикӣ ва корбасти онҳо дар «Ахлоқи муҳсинӣ» ва ғайра ибрози ақида намудааст.

**Вижагиҳои сарфии «Ахлоқи муҳсинӣ»** муҳтавои боби дуюми диссертатсияро дар бар мегирад. Исм дар таркиби луғавии асар барои ифодаи ҳама гуна мафҳумҳо хизмат кардааст. Диссертант номҳои сершумори одамон, аз ҷумла, шахсиятҳои таърихӣ, донишмандони илму фарҳанг, шайҳон, пешвоёни дину мазҳаб монанди Султон Санҷар (7), Яъқуби Лайс (13), Искандар (13), Фаридун (16), Тоҳир (17), Нушервон (21), Маликшоҳ (23), Маъмун (23), Қубод (24), Баҳром (25), Султон Маҳмуд (25), Баҳроми Гӯр (25), Сулаймони Варроқ (28), Сабт ибни Ваҳл (29), Рӯҳуллоҳ (30), Исо (30), Сабуктегин ва ғайраро аз асар дарёфт намуда, рӯи кор овардааст.

Вижагиҳои сарфии «Ахлоқи муҳсинӣ» нишон медиҳад, ки муаллиф, аз як тараф, меъёрҳои сарфии забони адабии замони худро риоя карда бошад, аз сӯйи дигар, барои боз ҳам устувор гардидани сохти сарфии забони адабии меъёр саҳми муҳим гузоштааст.

**Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои наҳвии «Ахлоқи муҳсинӣ»»** номида шудааст. Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар созмондиҳии воҳидҳои наҳв низ дасти тавоно доштааст. Диссертант қайд менамояд, ки муаллифи «Ахлоқи муҳсинӣ» аз тамоми хели ибораҳо бо камоли ҳунар истифода кардааст. ибораҳои исмӣ, ибораҳои сифатӣ, ибораҳои шуморавӣ, ҷонишинӣ, хабарӣ ба таври фаровон истифода шудаанд. Мисол: оби латиф, низоми ҷаҳон, киштии умед, дарахти ангур, офтоби тобанда, беҳтарин сармоя,_хубтарин хислат. Ба ҳокими ақл собиттар, ба лашкаркашиву душманкушӣ маъруф, чун умри гиромӣ зудрав, пеши ақсари асоғиру акобири олам маъруф: Машваратро дар ҳалли мушкилот ба ҳокими ақл собиттар ва пурфоидатар хоҳад буд.Дар ин боб муаллиф тавонистааст аз асар ҷумлаҳои содда ва мураккабро низ дарёфт намояд.

Чи тавре, ки аз автореферат бармеояд, ҳар як бобу зербоб муфассал таҳқиқ карда шудааст. Хулосаҳо да 10 банд ҷамъбаст гардидаанд, ки ҳамагӣ асосноканд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар расиданд:

1. Диссертант басо заҳмати зиёд кашидааст дар ҷамъоварии маводи рисола ва таҳқиқи оморӣ низ дида мешавад. Агар маводи ҷамъовардашуда дар шакли диаграмма ё гистограмма оварда мешуд, ҳусни кор меафзуд.
2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Автореферати дисертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунадУмуман, таҳқиқ дар саиҳи хело хуб ба расмият дароварда шудааст. Мисолҳои овардаи муаллиф ҷолиб ва саривақтӣ мебошанд. Автореферати диссертатсияи **Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи**

**мухсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ»** ба талаботи таҳияи авторефератҳо ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси **10.02.01 – Забони тоҷикӣ** мебошад.


Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров — Ӯзбеков Салоҳидин Вайдуллоевич

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 18, хонаи 15/45
Телефони мобилӣ: (+992) 927161720
E-mail: salohidin-317@mail.ru


Имзои Ӯзбеков Салоҳидин Вайдуллоевичро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ-и "ДДХ ба номи академик
Б.Ғафуров — Наврӯзов Эҳсон Маъмурович


Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.
тел.: (+992) 900420202
E-mail: n.ehson@mail.ru.


15.04.2024с.